| | |
|---|---|
| **«Мувофиқа карда шуд»**<br>**Вазири молияи**<br>**Ҷумҳурии Точикистон**<br>**_________С. Наҷмиддинов**<br>**аз «11» 03 соли 2013**<br>**№ 3-12 а/13** | **«Тасдиқ шудааст»**<br>**бо Фармоиши**<br>**Кумитаи андози назди**<br>**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>**аз «21»ноябри соли 2012**<br>**№ 7-Ф** |

# ДАСТУРАМАЛ
## «Оид ба тартиби истифодаи ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур тибқи муқаррароти моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, намуд, тартиби хариду истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро, ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботашон қатъӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирифташуда ва ба андозсупорандагони бемасъулият дохилнагардида, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, аз рӯзи амалӣ гардидани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ӯҳдадор аст

ба қабулкунандаи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро пешниҳод намояд. Шахсе, ки бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта нашудааст ё ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил карда шудааст (ба истисноҳи супорандагони андози аксиз, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда намебошанд), ҳуқуқ надорад, ки ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро пешниҳод намояд.

3. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳуҷҷатест, ки мутобиқи моддаи 183 Кодекси андоз барои ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми истифодаи меъёри стандартӣ асос мебошад ва дар шакли Замимаи 1 дар ҳамин Дастурамал омада,таҳия гардида, дорои маълумоти зерин мебошад:

а) номгӯи (ному насаб, суроға) андозсупоранда ва харидор (фармоишгар), инчунин номи тиҷоратии андозсупоранда, агар он аз номи ҳуқуқӣ фарқ кунад;

б) рақами мушаххаси андозсупоранда ва харидор (фармоишгар);

в) рақам ва санаи додани шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ барои андоз аз арзиши иловашудаи андозсупоранда (таҳвилкунанда);

г) номи молҳои интиқолшуда, корҳои иҷрошуда ё хизматрасониҳо;

д) маблағи амалиёти андозбандишаванда;

е) маблағи андози аксиз аз молҳои зераксизӣ;

ё) маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ин амалиёти андозбандишаванда гирифта мешавад;

ж) санаи додани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо;

з) рақами тартибии ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо.

4. Ҳисобнома-фактура дар чор нусха тартиб дода (навишта) мешавад. Нусхаҳои якум ва дуюми ҳисобнома-фактураҳои таҳиягардида оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ба гирандаи (харидори, фармоишгари) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дода мешавад, нусхаҳои сеюм ва чорум дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андозсупоранда (шахси ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо навишта) мемонад.

5. Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда ба мақоми андози дахлдор пешниҳод намудани эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дар як вақт дар ҳомилҳои коғазӣ ва (ё) электронӣ дар шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ феҳрист ва нусхаҳои сеюми ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки

андозсупорандаи мазкур тартиб додааст, инчунин нусхаҳои дуюми ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки ҳамин андозсупоранда ҳангоми хариди (дастрас намудани) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) гирифтааст, пешниҳод карда мешавад.

6. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои таҳияшаванда (навишташаванда) дар китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо навишташудаи андозсупоранда ба қайд гирифта мешавад.

7. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гирифташуда дар китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гирифтаи андозсупоранда ба қайд гирифта мешавад.

8. Шакл ва тартиби пешбурди китобҳои дар бандҳои 6-7 Дастурамали мазкур пешбини гардида, аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар карда шудааст, ки бо тартиби марказонидашуда нашр карда мешавад.

9. Китобҳои дар боло зикргардида ва феҳристи ҳисобнома-фактураҳои навишташудаи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо метавонанд дар ҳомилҳои қоғазӣ ва электронии маълумот пеш бурда

шаванд. Тартиби пур намудани ҳисобнома-фактураҳо дар пушти варақаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо мутобиқи пушти Замимаи 1 дар ҳамин Дастурамал омада пур карда мешавад.

10. Дар асоси ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳам маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои ба харидор барои таҳвили молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳод шуда, инчунин маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳое, ки ба таҳвилкунанда барои хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохта шудааст, муайян мешавад.

11. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъӣ шуморида шуда, силсила ва рақами дахлдор дошта, дар матбааҳои махсус тибқи фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда мешаванд ва бо нархе, ки хароҷоти интишор, нигоҳдорӣ ва тақсимоти онҳоро мепӯшонад, аз рӯи дархости супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ба онҳо аз ҷониби мақомоти андози дахлдор фурӯхта мешаванд.

12. Супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, ба истисноi истифодабарандагони меъёри пасткардашуда арзиши ҳисобнома-фактураҳои андоз

аз арзиши иловашуда ва аксизҳои харидаашонро ҳамчун маблағи андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти моддаи 183 Кодекси андоз ба ҳисоб мегиранд.

## 2. ТАРТИБИ ХАРИДИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАҲОИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

13. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаи Системаи иттилоотии андоз аз арзиши иловашуда ва пайгирии ҳисобнома фактураҳо Раёсати ташкили андозбандии Дастгоҳи марказӣ Кумитаи андоз, Нозироти андози андозсупорандагони калон, Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳоро бо ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо таъмин менамояд.

14. Раёсати ташкили андозбандӣ, Нозироти андози андозсупорандагони калон, Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо вазифадоранд андозсупорандагонеро, ки ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайд гирифта шудаанд ва Шаҳодатнома барои бақайдгири оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда гирифтаанд, сари вақт ва бо андозаи

кофӣ бо варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо таъмин намоянд. Варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минбаъд- варақаҳо) ба воҳидҳои поёнии ҳудудии андоз ва андозсупорандагон тибқи як барнома таҳвил карда мешавад. Андозсупорандагон ҳисобнома-фактураҳоро аз мақомоти маҳаллии қайди худ дастрас менамоянд.

15. Ҳангоми бори аввал харидани варақаҳо андозсупоранда вазифадор аст, ба мақомоти андози таҳвилкунандаи варақаҳо аз рӯи шакли дар Замимаи 5 омада ариза, бовариинома, нусхаи расид оиди пардохти маблағи арзиши варақаҳо, нусхаи Шаҳодатнома барои бақайдгири оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, нусхаи Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ, нусхаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва нусхаи ҳисоботи ҳармоҳаро дар бораи сарф ва бақияи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои (Замимаи 8) харидашуда ва инчунин дар ҳолати зарурӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оиди фаъолияти андозсупоранда (амалиёти мазкур) пешниҳод намояд.

16. Мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои лозимаро тибқи қисми 15 ҳамин Дастурамал қабул намуда вазифадор аст, онро дар мухлати 1 рӯзи корӣ пас аз қабул баррасӣ намуда ба андозсупоранда ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро супорад.

17. Дубора ва минбаъд ба андозсупоранда додани варақаҳо танҳо бо шарти пешниҳоди ҳисоботи ҳармоҳаи варақаҳои харидашуда тибқи Замимаи 8 ҳамин Дастурамал ариза, боваринома, нусхаи расид оиди пардохти маблағи варақаҳо аз тарафи андозсупоранда худи ҳамон рӯз ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолате, ки агар ба андозсупоранда зарурати такроран хариди варақаҳо то анҷоми моҳи ҳисоботӣ ба миён ояд, додани варақаҳо бе пешниҳоди ҳисобот амалӣ карда шуда, ҳамзамон андозсупоранда уҳдадор аст, то пешниҳоди эъломияи андоз аз арзиши иловашуда, нусхаи варақаҳои навишташударо пешниҳод намояд.

18. Андозсупоранда вазифадор аст, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои харидаашро дар “Китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гирифтаи андозсупоранда” ба қайд гирифта, баҳисобгирии қатъи ва нигохдории онҳоро таъмин намояд. Навиштани варақаҳои ҳисобнома-

фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бояд аз тарафи андозсупорандагон бо тартиби муайян аз силсила ва рақами аввали дастаи ҳисобнома-фактураҳои гирифта сар карда, бо силсила ва рақами баъдӣ, афзоиш ёбад. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои таҳияшуда (навишташуда) дар "Китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои навишташудаи андозсупоранда" ба қайд гирифта мешавад.

19. Оиди варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои вайроншуда, андозсупоранда бояд дар "Ҳисобот дар бораи сарф ва бақияи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо" тибқи Замимаи 8 ба ҳамин Дастурамал ҳисобот барад ва ҳар 4 нусхаи онро ба ҳисоботи мазкур замима карда ба мақомоти андози маҳаллӣ қайд супорид.

20. Дар сурати аз тарафи муассисаҳои нашриявӣ дар вақти нашри варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо содир шудани хатогӣ (дар яке аз нусхаҳои варақаҳо чоп нашудани силсила ва ҳисобҳои рақамӣ, ё такрор шудани силсила ва ҳисобҳои рақамӣ дар яке аз нусхаҳои дигар варақаҳо, инчунин, дар яке аз нусхаҳои варақаҳо чоп нашуда холи баромадани яке

аз нусхаҳо ва (ё) дигар ҳолатҳо ботартиб додани санад дар ин бора дар якҷоягӣ бо мақоми ҳудудии андоз ва андозсупоранда, ҳамаи 4 нусхаи ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизхо вайроншуда ҳисоб карда шуда ба ҳисобот замима гардида ба мақоми андози маҳаллӣ супорида мешавад.

21. Дар ҳолати гум кардани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо андозсупоранда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

22. Дар ҳолати гум кардани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо андозсупоранда, вазифадор аст аз ҳисоби маблағҳои худ дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи муайян гардидани гумшудан дар расонаҳои иттилоотӣ силсилаҳои матбаавӣ ва рақамҳои гумшудаи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро эълон кунад, инчунин бо ариза ба мақоми ҳудудии андоз мурочиат намояд. Ҳамзамон мақоми ҳудудии андоз ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаро оиди гум кардани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз андозсупоранда гирифта, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ӯро ба

ҷавобгарӣ кашида, баъдан ҳамаи ҳуҷҷатҳоро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз эътибор соқит намудан пешниҳод менамояд.

23. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои силсилаҳои истифоданашудае, ки мувофиқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии онҳо манъ карда мешавад, аз ҷониби андозсупорандагон ба мақоми андози маҳалли қайди худ баргардонида мешавад. Ҳамзамон мақомоти андоз ин ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санад ва борхат барои аз эътибор соқит намудан пешниҳод менамояд.

24. Дар мавриди бекор кардани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда, барҳам додани шахси ҳуқуқӣ (қатъ гардидани фаъолияти муассисаи доимии ғайрирезидент), инчунин, андозсупорандаи бемасъулият эътирофгардида, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад, варақаҳои истифоданашудаи ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизхо бо тартиб додани санад дар якҷоягӣ бо мақоми андози ҳудудии ва андозсупоранда,

мувофиқи борхат ва санади тартибдодашуда ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барнома барои аз эътибор соқит намудан баргардонида мешавад.

25. Барои аз эътибор соқит намудани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дар бандҳои 23 ва 24 ҳамин Дастурамал омада дар назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия ташкил карда шуда, ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизхо бо роҳи сӯзондан ё реза кардан аз эътибор соқит карда мешавад.

## 3. ШАКЛИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАҲОИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

26. Варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ дар андозаи А 4 омода карда мешаванд.

27. Ҳамаи нусхаҳои “як дастаи” варақаҳо ҳисобнома-фактураҳо бояд дорои тартиби якхелаи рақамҳо (силсилаи якхела ва рақами ададӣ), дараҷаи ҳифозат аз сохтакорӣ метавонад рангҳои мухталиф дошта бошад. Дар варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои

андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо корхонаи матбаавӣ, ки супориш барои таҳия (навиштан) намудани варақаҳоро иҷро менамояд ба тариқи матбаавӣ, силсила ва ҳисобҳои рақамиро ҳамчун варақаҳои ҳисоботии қатъи мегузорад. Силсилаҳо ва рақамҳо бояд ба андозаи 20 мм, ҳуруфи «Timez New Roman» бо ранги сурх иҷро гардад.

28. Силсила аз рамзи дурақамаи ҳарфи иборат мебошад, ки бо ҳарфҳои калони алифбои тоҷикӣ аз ҳарфи “А” шурӯъ гардида, маънои силсилаи ҳисобнома-фактураҳоро дорад ва бо таври афзоянда то охири ҳарфҳои калони алифбои тоҷикӣ давом дода мешавад.

29. Ҳар як силсилаи рақамии матбаавии дастаи варақаҳо аз рақами 000001 то 999999 оғоз мегардад.

30. Дараҷаи ҳифозат аз сохтакорӣ, заминаи рангаи нусхаҳои варақаҳо ва қоидаҳои муайяннамои онҳо аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассисаҳои нашриявӣ тайёркунандаи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, дар ҳуҷҷатҳои алоҳида барои истифодаи хизматӣ муайян мегарданд.

31. Тартиби пур кардани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳоро бо намуди электронӣ нозироти андози маҳалли бақайдгирии андозсупоранда дар

барандаҳои электронии андозсупорандаҳо пешниҳод менамояд.

32. Шахсоне, ки ба тайёркунӣ, нашр ё фурӯхтани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои сохтакоришуда, ҳамчунин барои фурӯши ғайриқонунии варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои аслии аз мақомоти андоз гирифта ё рабуда машғул мешаванд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

33. Барои нигохдорӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ҳифзи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ тибқи тартиботи муқарраргардида, роҳбари муассиса ва ё дигар шахси ваколатдори он масъул мебошад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ МАХСУС БАРОИ ИСТИФОДАИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАҲОИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

34. Андозсупоранда ӯҳдадор аст на дертар аз санаи амалӣ шудани амалиёти андозбандишаванда (таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва

аксизҳоро ба харидори мол (фармоишгари корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳод намояд.

35. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби таҳвилгар ё дигар шахсони мансабдори барои ин кор ваколатдори таҳвилдиҳанда имзо карда шуда, бо мӯҳр тасдиқ карда мешавад.

36. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо танҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои андозбандишаванда пешниҳод карда мешаванд. Агар таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва (ё) хизматрасониҳо мувофиқи муқаррароти моддаи 169 Кодекси андоз аз андоз аз арзиши иловашуда озод бошанд, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо пешниҳод карда намешаванд.

37. Дар ҳолатҳои зерин тартиб додани ҳисобнома-фактураҳо талаб карда намешавад:

а) ҳисоббаробаркунӣ барои хизматрасониҳои коммуналӣ, хизматрасониҳои алоқа ба аҳолӣ тавассути бонкҳо бо истифодаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ки барои пешбурди ҳисоботи муҳосибӣ асос мебошанд;

б) бо чиптаи роҳкиро ба расмият даровардани ҳамлу нақли мусофирон;

в) ҳангоми таҳвили молҳое (иҷрои корҳо, хизматрасониҳое), ки аз андоз аз арзиши иловашуда

озод мебошанд.

38. Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда дар ҳисобнома-фактура оид ба ҳар як номгӯи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) алоҳида нишон дода мешавад. Агар дар ҷои муайянгардидаи варақаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо имконияти ҷойгир намудани номгӯи ҳамаи молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) дар доираи як амалиёти таҳвилшаванда набошад, он гоҳ иҷозати дар ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар ҳаҷми умумии амалиёти пулӣ, бо замимаҳо ба ҳамин ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо таҳвили молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) андозбандишаванда ба шакли дар Замимаи 2 ҳамин Дастурамал овардашуда амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид дар ҳисобнома-фактураҳо бояд рақам, сана ва миқдори варақаҳои феҳристи пешниҳодшаванда нишон дода шавад. Дар ин ҳолатҳо феҳристҳои мазкур дар чор нусха навишта ва ҳамроҳи нусхаи асли ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо замима пешниҳод мегардад. Феҳристҳои молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) таҳвилшудаи андозбандишаванда, ки ба ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо замима мегардад варақаҳои

ҳисоботии қатъӣ маҳсуб наёфта, аз тарафи андозсупорандагон мустақилона аз рӯи шакли тасдиқгардида тайёр карда мешаванд.

39. Феҳристҳои молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) таҳвилшудаи андозбандишавандаи иҷрогардида, варақаҳои ҳисобнома-фактураҳоро иваз карда наметавонанд ва бе ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо барои муайян намудани ӯҳдадориҳои андозсупорандагон асос шуда наметавонанд.

40. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз рӯи амалиёти содиротӣ бояд дорои чунин маълумотҳо бошад:

а) сабт дар бораи он, ки ҳисобнома-фактура ба амалиёти содиротӣ тааллуқ дорад;

б) мамлакат ва нуқтаи таъиноти содирот;

в) меъёри татбиқшудаи андоз аз арзиши иловашуда ба амалиёти содиротӣ.

41. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки ба рақам ва таърихи феҳристи пешниҳодшуда ишора мекунад дар ҳолатҳои зерин беэътибор дониста мешавад:

а) пешниҳод нагардидани феҳристи ишорашуда;

б) феҳристи мувофиқи шакл таҳия нашуда;

в) феҳрист, маълумоти барои пур намудан ҳатмиро доро набошад;

г) дар феҳрист имзо ва (ё) мӯҳри роҳбар ва сармуҳосиб мавҷуд набошад.

42. Андозсупорандагоне, ки таҳвили чаканаи молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳоро ба харидороне, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда намебошанд, амалӣ менамоянд дар ивази ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо метавонанд, ҳуҷҷати пардохт ё ҳисобнома-фактураҳои соддакардашудаи аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ё чекҳои мошинахои назоратию хазинавии дорой хотираи фискалиро диханд.

43. Дар ин ҳолатҳо дар чеки мошинахои назоратию хазинавии дорой хотираи фискалӣ бояд маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва (ё) андози аксиз дар сатри алоҳида чудо карда шавад.

44. Шакли соддакардашудаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо расиди бонки, фармоишоти даромади хазинавӣ, пойгири (корешоки) фармоишоти даромади хазинавӣ ва ҳамагуна ҳуҷҷатҳои намунавие, ки

пардохти маблағро аз тарафи харидори мол (кор, хизматрасонӣ)- супорандаи андоз аз арзиши иловашуда набуда тасдиқ менамояд, мебошанд. Муқаррароти мазкур бо шарте татбиқ мегардад, ки андозсупоранда баҳисобгирии варақаҳои хуҷҷатҳои мазкурро дар ҳуҷҷатхои ҳисоботии худ бо таври афзоянда ба роҳ монда дар онхо дар сатри алоҳида маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва (ё) аксизҳои барои пардохт пешниҳод шударо, нишон дода бошад.

45. Дар мавриди тасҳеҳи амалиётҳои андозбандишаванда, бо сабаби бекор ё тағйир ёфтани хусусияти амалиёти андозбандишаванда,тағйир ёфтани ҷуброни мувофиқашуда барои амалиёти ҳам аз сабаби пастшавии нарх ва ҳам ҳама гуна сабабҳои дигар, пурра ё қисман баргардонидани молҳо ба андозсупоранда, корҳо ё хизматрасониҳои қабул нашаванда, андозсупоранда бояд ҳисобнома-фактураҳои иловагиро аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо тартиб диҳад.

46. Ҳангоми тасҳеҳи ҳаҷми амалиёти

андозбандишаванда ҳисобнома-фактураи иловагӣ тартиб дода шуда, дар он нишондиҳандаҳои зерин сабт мешаванд:

а) рақами тартибӣ ва санаи таҳияи ҳисобнома-фактураи иловагӣ;

б) рақами тартибӣ ва санаи таҳияи ҳисобнома-фактурае, ки нисбати он ҳисобнома-фактураи иловагӣ тартиб дода мешавад (тааллуқ дорад);

в) ном, суроға ва рақами мушаххаси андозсупоранда-таҳвилкунанда ва қабулкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо);

г) ҳаҷми тасҳеҳи амалиёти андозбандишаванда бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда;

д) маблағи андоз аз арзиши иловашуда.

47. Ҳисобнома-фактураи иловагӣ аз ҷониби таҳвилкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) таҳия шуда аз ҷониби қабулкунандаи чунин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) тасдиқ мешавад.

48. Ҳангоми аз ҷониби андозсупорандагон ба расмиятдарории амалиёти содиротӣ ҳисобнома-

фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бо шакли амалкунандаи дар Замимаи 1 ҳамин Дастурамал омада бо нишон додани маълумотҳои асоси ва иловагӣ: сабт дар бораи он, ки ҳисобнома-фактура ба амалиёти содиротӣ тааллук дорад, нишон додани кишвар ва маҳалли таъиноти содиротӣ ва меъёри истифодашавандаи андоз аз арзиши иловашуда барои амалиёти содиротӣ.

49. Фармоиш барои тайёр намудани варакаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варакаҳои ҳисоботашон катъӣ аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Точикистон бо тариқи пешниҳоди дархости Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои нашриявӣ, татбиқ мегардад.

50. Варақаҳои ҳисобнома- фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизхо дар муассисаҳои нашриявӣ, ки иҷозатномаи (литсензия) дахлдорро барои тайёр намудани варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ доранд, тайёр карда мешавад.

51. Варақахои хисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизхо бояд унсурҳои ҳифозатиро аз сохтакорӣ дошта бошанд.

52. Агар хисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо нишонаҳои тартиби ҳатмии дар Замимаи 1 ҳамин Дастурамал омадаро доро набошанд, чунин ҳисобнома-фактура беэътибор дониста мешавад.

53. Дар ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо набояд ҳеҷ ислоҳ ва доғ бошад.

54. Ба шахсони ғайр, ки ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайд гирифта нашудаанд ва Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нагирифтаанд додани варақаҳои истифоданашудаи (холии) ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо манъ аст. Дар мавриди ошкор гардидани чунин ҳолатҳо ҳисобнома-фактураҳо бе эътибор дониста мешаванд ва аз рӯи чунин далелҳо чораҳои дахлдори таъсиррасонӣ тибки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.